Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

1 феврали соли 2025
Шанбе
№ 10 (15125)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# МИНТАҚАИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ: ИМКОНИЯТ, ИМТИЁЗ ВА САМАРА

***Минтақаи озоди иқтисодӣ ин минтақаи алоҳидае мебошад, ки дар он барои фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ шароити имтиёзноки иқтисодӣ ва низоми махсуси ҳуқуқӣ муайян карда шудааст. Мафҳуми «Минтақаи озоди иқтисодӣ» солҳои 70-уми асри гузашта ба миён омад. Таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба барномаи рушди сармоягузории Ӯзбекистон ворид карда шудааст. Чунки иқтисоди муосирро бе чунин минтақаҳо тасаввур кардан мушкил аст. Мувофиқи таҳлили коршиносон 30 фоизи тиҷорати ҷаҳонӣ тавассути минтақаҳои озоди иқтисодӣ амалӣ мегарданд.***

2 декабри соли 2008 Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи таъсиси минтақаи озоди иқтисодӣ дар Навоӣ» ба тасвиб расид.

Минтақаи озоди иқтисодӣ-саноатии «Навоӣ» яке аз минтақаҳои пешрафтаи иқтисодӣ-саноатии ҷумҳурӣ маҳсуб ёфта, масоҳати он 564 гектарро ташкил медиҳад. Минтақаи озоди иқтисодӣ дар ҳудуди саноатии Ӯзбекистон таъсис ёфта, аз Бухоро ва Самарқанд дар масофаи 100 ва 175 км ҷойгир аст. Ба ин васила минтақа бо шаҳр ва ҳудудҳои саноатии мамлакат алоқаманд аст.

Дар минтақаи озоди иқтисодӣ-саноатии «Навоӣ» барои ҷалб намудани сармоягузорони хориҷӣ имкониятҳои васеъ фароҳам аст. Низоми андози фаъолияти минтақаи озоди иқтисодӣ тартиб ва шартҳои боҷхона, валюта, яъне муносибатҳои пулӣ ва андозбандии имтиёзноки фаъолияти субъектҳоро дар ҳудуди ин минтақа муқаррар мекунад. Дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ-саноатии «Навоӣ» фаъолияти соҳибкорӣ нововбаста ба шаклҳои моликият, аз пардохти боҷи гумрук ва дигар андозҳо, ки мувофиқи Кодекси андози ҷумҳурӣ пешбинӣ шудаанд, ба ғайр аз андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромади шахсони воқеӣ озод карда мешавад.

Барои ба роҳ мондан ва рушди минбаъдаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ-саноатии «Навоӣ» омилҳои зер низ манфиатовар мебошанд: таъмини мунтазами минтақа бо газ, барқ, об ва ба ҳам наздик ҷойгир будани объектҳо, наздикии манзилҳои аҳолинишин, мавҷудияти муҳити хуби экологӣ, мавҷуд будани лоиҳа ва маслеҳи сохтмон.

Ҳамчунин, минтақаи озоди иқтисодӣ-саноатии «Навоӣ» дар шафати шоҳроҳи автомобилгард, наздик ба фурудгоҳи байналмилалии Навоӣ, роҳи оҳан, гулӯлаҳои баландшиддати газ ва оби ошомиданӣ ҷойгир аст. Дар назди фурудгоҳ меҳмонхонаи се ситорадор барои 60 нафар ва чандин меҳмонхонаҳои дигар сохта шудаанд.

Соли 2020 дар 54 корхонаи минтақаи озоди иқтисодӣ-саноатӣ 71 лоиҳа бо арзиши 402,4 миллион доллар татбиқ гардид, ки дар натиҷа 4560 ҷойи нави корӣ таъсис дода шуд. Дар соли 2021 106, 4 миллион доллар сармоя аз худ карда шуда, 847 нафар коргарон бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардиданд. Сифат ва самаранокии истеҳсоли маҳсулот афзуд. Давоми соли 2021 корхонаҳои минтақаи озоди иқтисодӣ-саноатӣ ба миқдори 3592,9 миллиард сӯм маҳсулот истеҳсол намуданд, ки нисбати маҳсулоти соли сипаригардида 139 фоиз зиёд мебошад. Ва ба миқдори 58,74 миллион доллар маҳсулот содир карда шуд.

Вилоят 110 800 км мураббаъ масоҳат дошта, дар ҷумҳурӣ пас аз Қароқалпоқистон дар ҷойи дуюм қарор дорад ва дорои захираҳои фаровони зеризаминӣ, имконоти васеи истеҳсолӣ мебошад. 21 декабри соли 2022 бо Қарори Президент тамоми ҳудуди он минтақаи озоди иқтисодӣ эълон гардид. Сафи сармоягузорони дохиливу хориҷӣ афзуд.

Соли гузашта дар 48 корхонаи минтақа 51 лоиҳа татбиқ гардида, 185,6 миллион доллар аз худ гардид. Дар натиҷа барои 6198 нафар ҷойи нави кор таъсис ёфт.

Тӯли ҳафт соли охир дар минтақаи озоди иқтисодӣ 6500 лоиҳа бо маблағи 8 миллиард доллар татбиқ гардида, 27 триллион сӯм арзиши иловагӣ фароҳам оварда шуд. Шумораи соҳибкорони дохиливу хориҷӣ се баробар афзуд. Дар ин муддат иқтисодиёти вилоят аз ҷойи нӯҳум ба ҷойи сеюм баромада, ба 82 триллион сӯм расид.

Инак, дар соли 2025 ба вилоят ҷалб кардани 3,7 миллиард доллар сармояи хориҷӣ ба нақша гирифта шудааст, ки имкони кушодани 600 корхонаи нав ва сохмон додани 15 ҳазор ҷойҳои нави кории сердаромадро фароҳам меоварад.

Сарвари давлат ҳангоми сафар таъкид ва супориш дода буд, ки дар вилояти Навоӣ 16 ҳазор оилаи камбизоат ва 8 ҳазор нафар шаҳрвандони бекор зиндагӣ мекунанд. Дар назди низомҳои шуғл ва ҳифзи иҷтимоӣ вазифа гузошта шудааст, ки 16 ҳазор оила аз ҳолати камбизоатӣ баровварда шавад. Ва имрӯз дар ин роҳ қадамҳои устувор гузошта мешавад.

Минтақаи озоди иқтисодии «Навоӣ» ҷоест, ки дар он вазъи мӯътадили ҷамъиятию сиёсӣ, мавқеи мусоиди геополитикӣ ва захираҳои бойи канданиҳои фоиданок барои сифатан беҳтар кардани рушди соҳибкорӣ мусоидат мекунанд. Дар ин ҷо тамоми шароит барои ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ, рушди босуботи иқтисодиёт ва саноат, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, барҳам додан ба камбизоатии оилаҳо, таъмини фаровонӣ ва шукуфоии кишвар фароҳам оварда шудаанд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

***Стратегияи рушди технологияҳои зеҳни сунъӣ (ЗС) то соли 2030 дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамчун ҳуҷҷати расмии иҷлосияи 79-уми Ассамблеяи Генералии СММ нашр шуд.***

# СТРАТЕГИЯИ РУШДИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ ТО СОЛИ 2030 ДАР ӮЗБЕКИСТОН ҲАМЧУН ҲУҶҶАТИ РАСМИИ АССАМБЛЕЯИ ГЕНЕРАЛИИ СММ ПАҲН ГАРДИД

Ҳуҷҷат ба шаш забони расмии СММ – англисӣ, арабӣ, испанӣ, чинӣ, русӣ ва фаронсавӣ тарҷума шуда, дар байни давлатҳои узви созмон, воҳидҳои сохтории он васеъ паҳн гардид. Инчунин дар Системаи ҳуҷҷатгузории расмӣ тибқи банди 15-и рӯзнома – «Истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба хотири рушди устувор» ҷой дода шудааст.

Зикр бояд кард, ки Стратегия мақсад, вазифа ва самтҳои рушди яке аз умдатарин технологияҳои ҳамаҷонибаи асри XXI – зеҳни сунъиро дар Ӯзбекистон муайян мекунад. Ҳадафи асосии он шомил шудани Ӯзбекистон то соли 2030 ба қатори 50 кишвари пешсафи ҷаҳон аз рӯйи сатҳи рушди зеҳни сунъӣ мебошад.

Тибқи ҳуҷҷати СММ, барои татбиқи зеҳни сунъӣ соҳаҳои зерин бахшҳои афзалиятнок муайян шудаанд: кишоварзӣ, саноат, энергетика, нақлиёт, бахши бонкӣ, нигаҳдории тандурустӣ, маориф ва идораи давлатӣ.

Рушди иқтидори кадрӣ ва илмӣ дар соҳаи ЗС ҳамчун шарти калидии ноил шудан ба ҳадафҳои Стратегия баррасӣ мешавад. Ба нақша гирифта шудааст, ки низоми бисёрсатҳаи омодасозии мутахассисон – аз ҷорӣ кардани курсҳои зеҳни сунъӣ дар барномаи мактабӣ то таъсиси факултетҳо ва ихтисосҳои нав дар донишгоҳҳо ташкил карда шавад. Барномаҳои омӯзиши ҷавонони боистеъдод дар донишгоҳҳои пешсафи ҷаҳонӣ, аз ҷумла тавассути платформаҳои онлайнӣ густариш хоҳанд ёфт.

Махсус таъкид гардид, ки бо мақсади татбиқи Стратегия Ӯзбекистон ният дорад ҳамкориҳои байналмилалиро густариш диҳад, бахусус бо кишварҳои пешсаф дар соҳаи ЗС фаъолона ҳамкорӣ кунад, дар мубодилаи глобалии технологияҳо ширкат намояд, таҷрибаи хориҷӣ ва сармоягузориро ба лоиҳаҳои худ ҷалб кунад. Ҳамкорӣ бо ширкатҳои ҷаҳонии IT ва марказҳои таҳқиқотӣ тавсеа хоҳад ёфт.

Инчунин таъкид гардид, ки қабули Стратегия ба кишвар самтҳо ва афзалиятҳои возеҳи трансформатсияи технологиро барои даҳсолаи наздик муайян хоҳад кард ва татбиқи муваффақонаи он ба Ӯзбекистон дар намуди рушди сармояи инсонӣ, инфрасохтор, инноватсияҳо, ҳамгироии байналмилалӣ фоидаи бузурге меорад ва заминаи боэътимодро ба кишвар дар бунёди иқтисодиёт ва ҷомеаи оянда, ки ба дониш ва зеҳн асос ёфтааст, фароҳам меорад.

**АИ «Дунё»,**
*НЮ-ЙОРК*



Дар ноҳияи Норини вилояти Намангон аз ҷониби Бонки халқӣ, «Агробонк» ва шуъбаи ихтисор намудани камбизоатӣ ва кумак ба шуғли аҳолии ноҳия «Намоишгоҳи лоиҳаҳо» баргузор гардид. Чорабинӣ ба мақсади офаридани ҷойи нави кор ва таъмини фаровонҳолии мардум ташкил гардида, дар доираи он лоиҳаҳои зиёд, аз ҷумла пурзӯр гардондани ҳамкории байни бонкҳои тиҷоратӣ ва соҳибкорони маҳаллӣ ба муҳокима гузошта шуд.

Яке аз чунин лоиҳаҳо, ки ба мақсади зиёд гардондани даромади аҳолӣ ва таъмини шуғли доимии онҳо роҳандозӣ шудааст, ба роҳ мондани парвариши моҳиҳои фарел мебошад. Дар хонадонҳои маҳаллаи Хоҷақӯрғонча ва Чангитмаи ноҳия ҳавзаҳое барпо мешаванд, ки дар натиҷаи он ҳар як хонавода то 2-2,5 тонна моҳӣ омода менамояд.

***Дар сурат:*** *лавҳа аз намоишгоҳ.*
***Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).***

# РАВҒАНИ МАҲАЛЛӢ ИСТЕҲСОЛ МЕШАВАД

***Истеҳсоли маҳсулоти хушсифату арзону барои истеъмол бехатар ва бо ин мавод пурра таъмин намудани бозори истеъмолӣ, такмилу рушди рақобати солим байни корхонаҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла афзоиш додани корхонаҳои равғанистеҳсолкунӣ яке аз талаботи муҳими рӯз ба шумор меравад.***

Дар рӯзҳои аввали соли нав дар назди корхонаи Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Наманган пахта текс» корхонаи нави истеҳсоли равған ба кор оғоз намуд. Барои бунёду насбии таҷҳизоти технологии истеҳсоли равған беш аз 30 миллиард сӯм аз ҳисоби инвеститсияи дохилӣ сарф шуда, 110 нафар эҳтиёҷмандон бо кор таъмин шуданд.

– Бо шурӯи фаъолияти лоиҳаи мазкур соле ба коркарди 118 ҳазор тонна пунбадона, истеҳсоли 3,5 ҳазор тонна равғани хушсифати пахта, 9 ҳазор тонна шрот ва 5,5 ҳазор тонна кунҷора имконият ба вуҷуд омад, – гуфт роҳбари корхона Лутфулло Эгамбердиев.

**Абдулло ЗАРИПОВ,**
**ноҳияи Косонсойи вилояти Намангон.**

Барномаи «Аз камбизоатӣ – ба фаровонӣ» – дар амал

# БУХОРО: ҚАДАМҲОИ УСТУВОР ДАР РОҲИ КОҲИШИ КАМБИЗОАТӢ

***Мақсади асосии ислоҳот дар мамлакати мо маҳдудсозии камбизоатӣ ва афзун гардондани фаровонии аҳолии мамлакат аст. Аз ин рӯ, бо ташаббуси сарвари давлат баҳри беҳтарсозии тарзи зиндагии халқамон ҷараёни корҳо вусъат меёбад. Омӯхтани вазъи корҳо вобаста ба баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, накӯаҳволии мардум ва дастгирии иҷтимоии оилаҳои эҳтиёҷманд имконият медиҳад, ки баҳри маҳдудсозии камбағалӣ дар мамлакат чун асос, омили илмӣ хидмат кунад. Аз бозе, ки дар мамлакат мавҷуд будани табақаи камбизоати аҳолӣ бори аввал расман эътироф гардид, баҳри маҳдудсозии он корҳои васеъмиқёс амалӣ мегарданд.***

Дар тамоми вилоят бо оилаҳо, ҷавонон, бонувони эҳтиёҷманд низоми нави корбарӣ: «Дафтари оҳанин», «Дафтари бонувон», «Дафтари ҷавонон» ҷорӣ гардид. Дар натиҷа бо онҳо корҳои бонизом сурат мегирад. Аз ҷумла, дар вилоят дар ҳолати 1 январи соли 2024 54,4 ҳазор оилаи камбизоат ва 239,5 ҳазор нафар аъзоёни онҳо мавҷуд бошанд, ин нисбати шумораи умумии аҳолии вилоят ба 11,8 фоиз баробар аст. Дар ҳолати 1 сентябри соли гузашта 32,3 ҳазор оила, инчунин 1067 ҳазор нафар аъзоёни он аз сафи камбизоатон хориҷ гардидаанд. Ба 11,1 ҳазор нафар шаҳрвандон кредитҳои имтиёзнок, ба 1,3 ҳазор нафар субсид ҷудо гардид, 15,8 нафар соҳиби кори доимӣ шуданд, 3,9 ҳазор нафар бо роҳи ҷалбшавӣ ба таълими касбу ҳунар ва соҳибкорӣ бо шуғл фаро гирифта шуданд.

(Давомаш дар саҳ.2).

# МУЛОҚОТИ КУШОД БАРОИ ЖУРНАЛИСТОН

***Дар мулоқоти кушод, ки бо ташаббуси кумитаи туризми Вазорати экология, муҳити зист ва тағйирёбии иқлим роҳандозӣ шуд, роҳбарият, кормандони масъули вазорату идораҳо, мудирони шуъба, муовинони ҳокими вилоятҳо оид ба масъалаҳои сайёҳӣ ва соҳибкорони як қатор субъектҳои соҳаи сайёҳӣ ва журналистон ширкат варзиданд.***

Дар оғоз ҳисоботи масъулини кумитаи сайёҳӣ оид ба корҳои анҷомдода дар соли 2024, натиҷаҳо ва вазифаҳои афзалиятноки соли 2025, инчунин пешниҳодҳо оид ба ҳалли мушкилоте шунида шуд, ки туроператорҳо дар раванди рушди сайёҳӣ дучор меоянд.

– Дар соли 2024 ҷиҳати таъмини иҷрои супоришҳои Сарвари давлат оид ба рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ корҳои ҳамаҷониба амалӣ шуданд. Теъдоди сайёҳони хориҷӣ 10,2 миллион нафарро ташкил намуд. Ҳаҷми умумии хидматрасонӣ ба сайёҳони хориҷӣ баробари 3,5 миллиард доллар буда, ин рақамҳо нисбат ба ҳамин давраи як соли пеш 1,5 баробар зиёд мебошад, – гуфт раиси кумита Умед Шодиев.

Барои тарғиби салоҳияти сайёҳии Ӯзбекистон дар Аврупо, Амрикои Шимолӣ, уқёнуси Ором, Шарқи Наздик, Чин ва Осиёи Марказӣ бо медиакорпоратсияҳои байналмилалӣ, инчунин онлайн-платформаҳо ҳамкорӣ ба роҳ монда шуд, ки ба баланд шудани обрӯи кишвари мо дар арсаи байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Соли гузашта кишвари мо ба маркази барпо намудани анҷумaну конфронсҳои зиёди байналмилалӣ табдил ёфт. Баргузории Анҷумани байналмилалии «Шаҳрисабз – пойтахти сайёҳии Созмони ҳамкории иқтисодӣ», ҷаласаи XII вазирони сайёҳии кишварҳои узви Созмони исломӣ, роҳандозии ҳамкориҳо дар шаҳри Хива таҳти шиори «Хива – пойтахти ҷаҳонии сайёҳӣ дар соли 2024» аз ҳамин шумор мебошанд.

Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ Ӯзбекистонро оиди ба даст овардани даромад аз рӯйи содироти сайёҳӣ кишвари дуюм дар ҷаҳон эътироф намудааст. Ғайр аз ин, тибқи натиҷаҳои озмуни ҷоизаи миллии сайёҳӣ, ки маҷаллаи русии «RussianTraveler» баргузор кардааст, Ӯзбекистон дар соли 2024 «Беҳтарин мавзеи сайёҳӣ дар байни кишварҳои ИДМ» дониста шудааст.

Умед Шодиев иброз дошт, ки дар соли 2025 вазифаҳои мисли шумораи меҳмонхонаҳо ва муассисаҳои ҷойгиркунӣ ба 6 ҳазору 600 адад, шумораи катҳо ба 166 ҳазор адад, шумораи туроператорҳо ва турагентҳо ба 3 ҳазору 800 нафар расонида шавад. Инҷунин, ҷолибияти сайёҳии Ӯзбекистон дар 20 намоишгоҳ ва ярмаркаҳои байналмилалии сайёҳӣ дар хориҷа ба намоиш гузошта хоҳад шуд.

Дар ҷараёни мулоқот дар робита ба боз кардани роҳи заминии байни Риштон – Сӯх, ки марзи Қирғизистонро убур мекунад ва таъмини равуои шаҳрвандони кишвари сеюм ба ин ноҳияи вилояти Фарғона табодули назар сурат гирифт. Гуфта шуд, ки дар сурати боз шудани ин роҳ ҳаёти мардуми ноҳияи Сӯх боз ҳам фаровон ва ҳаҷми содироти сайёҳӣ аз ҳисоби ташрифи хориҷиён рӯ ба афзоиш хоҳад овард.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# БУХОРО: ҚАДАМҲОИ УСТУВОР ДАР РОҲИ КОҲИШИ КАМБИЗОАТӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ҳамин тариқ, беш аз 50 ҳазор оилаи камбизоат (шумораи умумии аъзоёни оилаашон 215,1 ҳазор нафар) ба қайд гирифта шудааст.

Дар вилоят бо мақсади маҳдудсозии камбизоатӣ дар марҳилаи аввал ба 8544 оилаи камбизоат аз 1378 ташкилоти шаҳру ноҳияҳо ва 122 ташкилоти вилоят роҳбарону соҳибкорон вобаста гардидаанд. То охири сол бобати бо кор таъмин кардани бекорони оилаҳои камбизоат, дастгирии лоиҳаҳои соҳибкорон, муоличаи бемузди беморон, инчунин кумакрасонӣ ба масъалаҳои таълимгирии онҳо баробари ин аз ҳисоби беҳтар гардондани инфрасохтори маҳаллаҳое, ки оилаҳои камбизоат зиндагӣ мекунанд, сатҳи камбизоатӣ нисбат ба аввали сол то 4,5 фоиз маҳдуд гардонда шуда 7,3 фоизро ташкил мекунад.

***

Бояд таъкид намуд, ки бо додани маблағ, пул, хӯроквори ҳал кардани масъалаи маҳдудсозии камбизоатӣ аз имкон берун аст. Бо мақсади беҳтарсозии шароити зиндагии аҳолӣ дар маҳаллаҳои шаҳру ноҳияҳо вазифаи ёвари ҳоким созмон ёфтааст. Инчунин дар доираи «Барномаи давлатии омода намудани ҷойҳои нави корӣ ва ба масъалаи бошуғлфарогирии аҳолӣ кумак расондан» чараёни ба кор таъминкунии муҳоҷирони меҳнатии аз хориҷа баргашта, бо роҳи ба таълими касбӣ ҷалбкунӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ равона кардани онҳо сурат мегирад. Дар соли гузашта дар вилоят бобати афзоиш додани шумораи бо шуғл фарогирифташудагон, рушдёбии таносуб ва инфрасохтори бозори меҳнат ва коҳиш додани бекорӣ корҳои назаррас ба сомон расидааст. Аввали сол шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли вилоят 858,8 ҳазор нафар буда, 803,2 ҳазор нафари онҳо бо шуғл фаро гирифта шудааст. Илова ба ин, дар давоми сол 22 ҳазор нафар хатмкунандагони мактабҳои олӣ, миёнаи махсус, миёна, инчунин бештар аз 70 ҳазор нафар муҳоҷирони меҳнатӣ ба бозори меҳнат даромадаанд.

Дар вилоят бо мақсади бо шуғл фарогирии аҳолӣ бо назардошти истифодабарии оқилона аз имкониятҳое, ки бо шарофати ғамхории сарвари давлат ба вуҷуд омадааст, нақшаҳои мушаххас таҳия гардидааст. Хусусан, мувофиқи Қарори Президент аз 9 январи соли 2024 «Дар бораи Барномаи ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ ва кумакрасонӣ ба бо шуғл фарогирии аҳолӣ дар соли 2024» дар вилоят (мобайни сол) созмон додани 209395 ҷои нави кор дар назар дошта шудааст.

Бо мақсади маҳдуд гардондани бекорӣ дар вилоят, кумакрасонӣ ба аҳолӣ оиди бо шуғлфарогирӣ, ҳифзи иҷтимоии онҳо дар муддати даҳ моҳи гузаштаи соли 2024 аз ҷониби идораҳои меҳнатӣ 54322 нафар шаҳрвандони бекор соҳиби ҷои кори доимӣ гардиданд; 4047 нафар шаҳрвандон ба ҷои кори квотанок соҳиб шуданд; 8025 нафар шаҳрвандони бекор ба корҳои ҷамоатии музднок ҷалб гардиданд.

Истифодабарии самаранок аз қитъаҳои назди ҳавлӣ омили муҳими раҳоёбӣ аз камбизоатӣ ва афзун гардондани даромади хонадон аст. Имрӯз дар ҳамаи гӯшаву канори шаҳру ноҳияҳои вилоят оилаҳоеро пайдо кардан мумкин аст, ки дар ин бора ба дигарон намунаи ибрат ҳастанд. Аз ҷумла, дар ноҳияи Ромитан ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Бухоро марказий таъминот томорқа хизмати», шӯрои хоҷагиҳои деҳқониву фермерӣ ва соҳибони қитъаҳои наздиҳавлӣ якҷоя бо Иттиҳоди маҳаллаҳо чораю тадбирҳои заруриро амалӣ месозанд. Имрӯз ба оилаҳои камбизоати бедаромад сохта додани гармхонаҳои хурде, ки бесӯзишворӣ ҳарорати мӯътадил ҳосил мекунад, ранги оммавӣ мегирад. Аз ҷумла корхонаи чинии «Jing Reng Guaji» (дар шакли ҷамъияти масъулияташ маҳдуд) бо ташаббуси сохтани гармхонаҳои духолии қиматашон 9 миллион сӯмӣ ба майдон баромадааст. Ҳоло ин корхона дар Маркази таълими касбу ҳунари маҳаллаи «Навбаҳор»-и ноҳия ба тарзи намунавӣ ба сохтани 250-то гармхона пардохтааст.

Ҳоло дар ноҳия аз ҷониби 155-то субъекти соҳибкории минтақаҳои озоди иқтисодии «Бухоро-Агро» дар 300 гектар майдон хоҷагиҳои гармхонавӣ сохта шуда, дар онҳо вобаста ба мавсим сабзавот, маҳсулоти полиз рӯёнда мешавад.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

*Соли ҳифзи муҳити зист ва иқтисодиёти «сабз»*

# ТАҲДИД БА ЁДГОРИҲОИ ТАБИИРО ҚОНУН МАНЪ КАРДААСТ

***Ба манзури таъмини иҷрои қарори Президент аз 6 октябри соли 2020 «Дар бораи тасдиқи консепсияи рушди сохтори хоҷагии ҷангал дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон то соли 2030» дар вилояти Фарғона корҳои зиёд ба анҷом расидаанд. Дар ин бора директори хоҷагии давлатии ҷангали Фарғона Аваз ҲАКИМОВ маълумот дод.***

– Муҳофизат ва афзоиши хазинаи ҷангал, истифодаи оқилона аз он, модернизатсияи пойгоҳи моддиву техникӣ ва истифодаи фаровон аз дастовардҳои илму фан авлавияти вазифаҳоеро ташкил медиҳанд, ки Сарвари давлатамон дар назди мо гузоштааст. Дар ин замина моро лозим меояд, ки мунтазам кафолати таъмини ниҳолҳои дарахтони ороишӣ ва мевадиҳандаро ба миқдори зарурӣ таъмин намоем, – изҳор намуд Аваз Ҳакимов.

Тавре мавсуф қайд намуд, кормандони соҳа дар баробари иҷрои вазифаҳо, ҷиҳати рушди парвариши ҳайвоноти гуногун, мурғ, моҳипарварӣ, асалпарварӣ ва монанди он саҳм мегиранд. Дар соли 2024 аз тарафи шуъбаҳои минтақавии хоҷагии давлатии ҷангал парвариши бештар аз 5 миллион бех ниҳоли дарахтони ноёби манзаравӣ, инчунин дарахтоне, ки чӯби он барои сохтмони иншоот зарур аст ва буттаҳо ба роҳ монда шуд.

– Идораи мо солона як миллион дона ниҳоли дарахти «Лола», ҳамин миқдор ниҳоли дарахтони санавбари «Қрим» ва «Элдор», садҳо ҳазор адад ниҳоли сафедору тут, каштану павлония, ангур, чормағз ва амсоли онро парвариш мекунад. Соли гузашта дар майдони 50 гектар 13 намуди ниҳоли дарахтони нисбатан камёб парвариш намудем. Барои ин 10 тонна нурии маъданӣ ва 12,5 тонна поруи маҳаллӣ истифода гардид, – мегӯяд директори хоҷагии давлатии ҷангали Фарғона.

Тайёр кардани тухмиҳои дарахтону буттаҳои ороишӣ як ҷанбаи кори мутахассисони соҳаро ташкил медиҳад. Дар соли сипаришуда ҳудуди 4 тонна тухмӣ тайёр карда шудааст. Аваз Ҳакимов таъкид кард, ки мисли тамоми соҳаҳои кишвар хоҷагии давлатии ҷангалро низ татбиқи ислоҳоти доманфарох фаро гирифтааст. Ба гуфтаи ӯ дар 40 гектар кӯчати ниҳолҳое парвариш ёфт, ки маҳсулаш дар корҳои сохтмон истифода мешавад. Гузашта аз ин, дар 10 гектар парвариши ниҳолҳои чормағзро ба роҳ монданд. Дар 20 гектари дигар барои тавсеаву афзоиш додани ҳудуди ҷангалзорҳо дарахтони гуногун шинониданд, ки тавассути агротехникаи замонавӣ парвариш меёбад.

– Ҳоло дар ихтиёри Хоҷагии давлатии ҷангал дастикам 100 сар моли шохдор, 406 оилаи занбӯри асал, 905 паррандаи гуногун мавҷуд аст. Дар 4 гектар ҳавзи моҳипарварӣ бар асоси шартнома моҳӣ парвариш мекунем. Ҳоло тасмим гирифтаем, ки домани ин соҳаҳои сердаромадро беш аз пеш васеътар гардонем ва ҷойҳои нави корӣ фароҳам оварда, барои арзон шудани маҳсулоти бозори дохилӣ ҳисса гузорем, – гуфт Аваз Ҳакимов.

**– Боз кадом ҷанбаи кор мавҷуд аст, ки барои васеъ шудани домани фаъолияти шумо мусоидат менамояд?**

– Дар шуъбаҳои таҳти тасарруфи хоҷагии ҷангал якуним гектар гармхона барпо шудааст, ки аз ҳисоби заминҳои корами хоҷагии давлатии ҷангал берун мебошад. Боз ташкили 2 гектар гармхонаи иловагӣ ба нақша гирифта шудааст. Дар гармхонаҳо парвариши помидору бодиринг ва кӯчатҳои сабзавоти гуногун ба роҳ монда шудааст. Инчунин ниҳолҳои лимӯ парвариш меёбанд.

Аз гуфтаҳои Аваз Ҳакимов бармеояд, ки дар баробари парвариши ниҳолҳои бодому чормағз, дар 37 гектар майдон рустаниву гиёҳҳои дармонбахш ва гулҳои рангоранг парвариш карда мешаванд. Аз ҷумла, дар ноҳияи Сӯхи дурдаст 100 гектар майдонро барои парвариши заъфарон ҷудо кардаанд ва аллакай ҳосили он ба кишварҳои хориҷӣ содир карда шуд.

– Тибқи нақшаи соли 2024 дар 194 гектар бо роҳи шартнома маҳсулоти кишоварзӣ, мисли 250 тонна сабзавот, 69 тонна ғалла ва ҷуворимакка, 36 тонна маҳсулоти полизӣ, 30 тонна картошка, 254 тонна меваи тар, 11 тонна маҳсулоти зироати равғандор ва 2,5 тонна чормағз истеҳсол кардем, – мегӯяд Аваз Ҳакимов. – Дар соли 2023 ҷамъи даромад 4 миллиарду 111 миллион сӯмро ташкил дода бошад, дар соли 2024 он ду баробар афзоиш ёфт. Дар ин миён 250 ҷои нави корӣ ташкил гардид.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*



*Дар наздикии обанбори «Ҳисорак»-и ноҳияи Шаҳрисабзи вилояти Қашқадарё маросими кушодашавии нерӯгоҳи барқи обии хурди Ҳисорак баргузор гардид.*

*Дар чорабинӣ таъкид гардид, ки дар мамлакатамон ба масъалаи зиёд кардани манбаъҳои барқии аз ҷиҳати экологӣ тоза, арзон ва азнав барқароршаванда эътибори алоҳида нигаронида шуда, аз ҷониби ҶС «Ӯзбекгидроэнерго» дар соҳа корҳои васеъмиқёс амалӣ мегарданд. Ҷамъият дар мавзеъҳо бо намуди нав нерӯгоҳҳои хурд ва микронерӯгоҳҳо бунёд намуда, ба истифода месупорад.*

*Арзиши лоиҳавии нерӯгоҳи Ҳисорак 1,5 миллион доллар буда, дар натиҷаи ба амал татбиқ намудани лоиҳа 6-то ҷойи нави корӣ офарида шуд. Дар натиҷа соле 5 млн. метри мукааб гази табиӣ сарфа гардида, 7 300 хонадон бо энергияи электрӣ таъмин мешаванд.*

***Дар сурат:*** *бахшида ба кушодашавии нерӯгоҳи барқии обии хурди Ҳисорак маросими мутантан баргузор гардид.*

***Суратгир: Ҷ. НОРҚОБИЛОВ (ӮзА).***

*Аз ҳаёти маҳалла*

# МЕҲНАТ КАЛИДИ ОБОДИИ «КӮҲСОР» АСТ

***Ёд дорам, ҳамон замонаҳои тақдирсоз, солҳои нахустини истиқлолияти Ватан ҳамеша садо мезаданд: «Маҳалла – падарат, маҳалла – модарат!» Маҳаллаҳоро ба падару модар ташбеҳ додани сиёсатдонҳои замон беҳуда набуд. Ин шиор мардумро водор месохт, ки ҷӣ будани маҳалларо ҳис кунанд ва онро такягоҳи худ донанд. Ин тавр сохтори маҳалла такомул ёфта, дар замони раҳбари навин – Президент Шавкат Мирзиёев боз ҳам ташаккул ёфт ва ба як сохтори комили муассир ва дар ҳалли аксари мушкилоти рӯзгори мардум ҳамеша омода табдил гашт. Кунун ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо мақоми хосе доранд ва дар баррасию ҳалли аксари муаммои хоси маҳал мусоидат мекунанд.***

Аммо ҳоло кори маҳаллаҳо дар ҷойҳои дур аз чашми мақомдорон (масалан, дар кӯҳистон) ҷӣ хел аст? Барои посух ёфтан бо кори яке аз маҳаллаҳои тоҷикнишини дурдасти ноҳияи Китоби вилояти Қашқадарё шинос гардида, ба чунин хулоса омадем, ки агар мардуми маҳалла муттафиқ ва сиёсати ободкориҳои ҳукуматро бештар ҳис кунанд, дар ҳама ҷабҳаҳои зиндагӣ муваффақ мегаштаанд. Ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Кӯҳсор»-и ноҳия аз марказ тақрибан 70 км. дур аст. Зиндагӣ дар чунин маҳаллаҳо осон нест, балки сад муаммо дорад. Ниҳоят дарёфтем, ки ҳукумати ҷумҳурӣ ба ҳаёти дурдасттарин маҳаллаҳо низ бефарқ набуда, талош меварзад, ки мардум аз панҷаи фақру камбизоатӣ ҳарчӣ зудтар бираҳанд. Беҳбуд бахшидани вазъи иҷтимоии шаҳрвандон аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳукумат аст ва маълум гардид, ки дар мавзеъҳои дур аз марказҳои маъмурӣ низ сиёсати давлат ҳамсадоӣ пайдо карда, аҳолии он ҷойҳоро ба бунёдкорӣ, офаридани ҷойҳои нави кор, рушди соҳибкорӣ роҳбалад ва рӯҳбаланд мегардонад. Маҳаллаи «Кӯҳсор»-ро марди закиву фозил ва ботаҷриба Салим Норимов раҳбарӣ карда, чандин сол аст, ки мунтазам дар обод сохтани ин ҳудуд заҳмат мекашад.

– Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Кӯҳсор» 6280 нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунанд, ки дар деҳаҳои Матмон, Ҷавз, Аспидухтар, Шут ва Деҳнавиболо тақсим шудаанд. Ин деҳаҳо аз ҳамдигар дар фосилаи то 25 км. ҷой гирифтаанд ва идораашон ҳам машаққати фаровоне талаб мекунад. Аз як деҳа ба деҳаи дигаре рафтан ва дар ҳалли мушкилоти рӯзгори одамон мусоидат намудан бас ҷонфидоӣ мехоҳад. Аммо ҳафтгонаи маҳаллаи «Кӯҳсор» новобаста ба чунин мушкилот дар татбиқи сиёсати ҳукумат мекӯшанд ва вазифаҳое, ки дар зимма доранд, ба таври бояду шояд иҷро мекунанд, – гуфт С. Норимов.

Раиси маҳалла мутмаин аст, ки назар ба пештара зиндагии мардум рӯ ба беҳбудӣ оварда ва оҳиста-оҳиста дарк мекунанд, ки калиди хушбахтӣ ва зиндагии фаровон дар мушти ҳар кадоме аз онҳо маҳфуз аст. Ин аст, ки аз имконоти фароҳамсохтаи ҳукумат васеъ истифода мекунанд ва бо кумаку роҳнамоии мутахассисони маҳалла дар ривоҷ додани соҳибкорӣ саҳм мегузоранд. Ба ин тартиб, як қисми оилаҳои камбизоат шароити зисти худро беҳбуд мебахшанд ва аз побандии кумакпулиҳои давлат раҳо меёбанд. С. Норимов таъкид кард, ки тибқи як дастур ҳафтгонаи маҳалла хона ба хона гаштаву шароити мардумро омӯхтанд ва якҷо бо дигар муаммоҳо феҳристи он нафаронеро мураттаб сохтанд, ки аз барои кор ба хориҷи кишвар рафта буданд. Маълум гардид, ки аз ҳудуди маҳалла 43 нафар ҷавонон дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доштаанд. Дар натиҷаи тарғибу ташвиқоти пайваста 23 нафари онҳо ба ҷои зисти худ баргаштаанд ва тибқи маслиҳату машварати кормандони маҳалла роҳи зиндагии худро дар хокдони бобоӣ ёфтанд. Онҳо, ки қаблан дар ҷустуҷӯи кор буданд, бо пеш гирифтани шуғли соҳибкорӣ худ ба корфармо мубаддал гаштанд ва боз чандин нафарро бо ҷои кор таъмин сохтанд.

– Мо як нафар ҳамдеҳаи худро бо кумаки маҳалла тариқи шартнома ба хориҷи кишвар ба кор фиристодем, ки маоши баланд дошт. Умедворем, ки ӯ низ баргаштаву дар ободии зодгоҳи худ саҳм мегузорад, коргоҳе ташкил сохта, чандин нафарро бо шуғл таъмин месозад, – гуфт раиси маҳалла.

Соли 2024 муваффақ гаштанд, ки 13 километр роҳи мушкилгузари байни маркази ноҳияи Китоб ва ин маҳалларо мумфарш кунанд. Ҳамчунин 1,5 км. роҳи деҳаи Деҳнавиболо, ки аз қадим ба равуои мардум халал мерасонд ва хоса тай заданиi он дар фасли зимистону баҳорон азоби алиме буд, тахту ҳамвор карда шуд ва сангфарш гардид. Дар деҳаи Матмон ду мактаби замонавӣ сохта мешаванд, ки далели ғамхориҳои ҳукумат аст. Дар идомаи соли 2024 370 адад симчӯб барои интиқоли барқ ба хонаҳои мардум насб гардиданд ва ҳамчунин 3 трансформатори нави замонавӣ гузошта шуд, ки дар беҳбуд ёфтани шароити зисти мардум мусоидат хоҳанд кард.

Қобили зикр аст, ки дар ҷамоати шаҳрвандони маҳалла қариб оилаи камбизоат вуҷуд надорад. Дар рӯйихат 5 оила чун эҳтиёҷманд қайд шудааст.

– Агар бо нишондоди мо амал карда, аз кумакҳои ҳукумат самарабахш истифода баранд, то охири сол ҳамин оилаҳо низ дари фақрро ба рӯи худ хоҳанд баст, – мегӯяд Салим Норимов ва таъкид мекунад. – Ҳар амале, ки ҳукумат дар роҳи бартараф сохтани камбизоатӣ иҷро мекунад, барои одами ҳушёр ва солимфикр таконе хоҳад шуд ва боқӣ ба худи кас вобаста аст, ки дар роҳи расидан ба зиндагии беҳтар дасту панҷа нарм созад, бештар меҳнат кашад ва танбалиро канор гузорад. Дар акси ҳол ҳамон «Аҳмади порина» боқӣ хоҳад монд.

Ин аст, ки дар маҳаллаи «Кӯҳсор» тибқи лоиҳаҳои алоҳида 89 нафар бонувони хонашин ва 25 нафар духтарони ҷавон бо шуғли алоҳидае банд шуданд ва барояшон имкон фароҳам гашт, тоояндаи худро бо дастони худ бисозанд.

Бояд гуфт, бо ташаббуси фаъоли Нилуфар Норимова ва ёвари ҳокими ноҳия Қаландар Зикиров, ки шомили ҳафтгонаи маҳалла ҳастанд, ба 28 нафар зан кредити имтиёзнок ва субсид дода шудааст. Ташаббуси 9 нафар духтари маҳаллӣ дастгирӣ ёфта, ниёзи 11 нафар донишҷӯён, ки дар супоридани шартномаи солонаи хониш дармонда буданд, қонеъ карда шуданд. Дар маҳалла 89 нафар ногиро дар қайд буда, 8 оилае мавҷуд, ки шахси ноновар ва сарпарасти худро бохтаанд ва пайваста аз ҳисоби маҳалла кумак мегиранд.

Салим Норимов гуфт, ки дар бобати пешгирӣ намудани ҷиноятҳои гаҳу ногаҳ низ дар маҳалла корҳои шоён дар амал татбиқ мегарданд. Кунун дар деҳаҳо дурбинҳои назоратӣ (видеокамераҳо) насб шудаанд ва ба туфайли чунин дурбинҳои назоратӣ соли гузашта сатҳи ҷиноят дар мавзеъ ба ду адад поён омад.

– Барои обод сохтани маҳалла ва дар зимн беҳбуд бахшидани зиндагӣ узви он маҳал будан кам аст. Шаҳрванд бояд ба нидои дил дар канори ҳукуматдорони худ биистад ва аз сидқи тамом дар рушди Ватани аҷдодӣ саҳм гузорад, – аз бефарқии як идда ҳамватанон норизо мешавад Салим Норимов.

Аз суҳбат бо раиси маҳалла дарёфтам, ки омили ҳама пешрафтҳо иттиҳод ва калиди дари ҳама ободиҳо меҳнати муттасил ва ҳалол будааст.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ҚАШҚАДАРЁ.*

## Хабарҳо

### ҲАМКОРИИ ТАРАФАЙН

***Ҳайати вакилони вилояти Самарқанд бо роҳбаладии иҷрокунандаи вазифаи ҳокими вилоят Адиз Бобоев ба шаҳри Тянсзини Чин азми сафар карданд.***

Бояд гуфт, ки дар вилоят 121 корхонаи муштарак бо Чин шартномаҳои ҳамкорӣ баста, гардиши маҳсулоти тарафайн 551,5 миллион долларро ташкил медиҳанд.

Дар Хитой Бобоев бо котиби кумитаи ҳизби коммунистии шаҳри Тянсзин Чен Минер роҷеъ ба роҳҳои мухталифи ҳамкорӣ ва истиқболи он мулоқоти кушоду самимона ороста, бо фаъолияти чанд корхона шинос шуд.

Сипас, ҳокимони шаҳру ноҳияҳои вилояти Самарқанд бо соҳибкорони хитоӣ оид ба ҳамкории тарафайн шартнома бастанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти**
**Самарқанд.**

### МАҶЛИСИ ҲИСОБОТИИ «ОРИЁНО»

***Ба қарибӣ ҷамъомади ҳисоботӣ-интихоботии Маркази милливу мадании тоҷикони шаҳри Тошканд – «Ориёно» баргузор гардид.***

Ҳисоботи раиси марказ Маъруф Отахонов оиди фаъолият дар солҳои 2020-2025 шунида шуд. Ӯ таъкид кард, ки маҷлиси ҳисоботӣ-интихоботӣ бо пандемияву сабабҳои дигар сари вақт гузаронида нашуд, ки дар оянда оиди чунин масъалаҳо боэътибор бошем.

Муовини сармуҳаррири рӯзномаи «Овози тоҷик» Тоҷибой Икромов раиси марказ интихоб гардид.

Дар қисми дуюми ҷамъомад ҳозирон Журналисти шоистаи Ӯзбекистон, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Маъруф Отахоновро ба муносибати 80-солагиаш муборакбод намуданд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

### ҲОСИЛНОКӢ ЗИЁД МЕШАВАД

***Ҳокими вилояти Намангон Шавкатҷон Абдураззоқов ба хоҷагиҳои фермерӣ, саройи машинаву трактори ба номи Худойбердиеви ноҳияи Косонсой ташриф овард.***

Ӯ дар киштзори ғаллаи хоҷагиҳои фермерии «Сахий Азамат баракаси» ва «Сахий Саид барака» бо рафти корҳои парвариши ғалладона, таъмиру ба тартиб овардани ҷӯю ҷӯйборҳои дохилӣ аз наздик шинос гардид. Ҳангоми мулоқот бо ғаллакорон оиди беҳгардонии корҳои парвариши ғалладона ва барои ба 100 сентнер расонидани ҳосилнокӣ таклифу мулоҳизаҳои амалии худро гуфта гузашт. Инчунин барои тезонидани корҳои бетонпӯш кардани ҷӯйҳои дохилӣ, ба охир расонидани шудгоркунӣ, тозакунии қитъаҳои пахтазор маслиҳатҳои амалӣ дод.

Соли ҷорӣ ғаллакорони ноҳия дар 6145 гектар замин парвариши ҳосили ғалладонаро ба ӯҳда гирифтаанд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**

***Дар шаҳри Нурато бо иштироки сармутахассиси шуъбаи муборизаи зидди коррупсияи Садорати вилоятии Агентии кадастр Н. Ҳамроев, мутахассисони соҳа Н. Аҳадов ва Ф. Қобилов бо кормандони шуъбаи ноҳиявии Агентии кадастр мизи мудаввар баргузор гардид.***

# КОРРУПСИЯ – ДУШМАНИ ТАРАҚҚИЁТ

Дар чорабинӣ усул ва тарзи шаффофи татбиқи Қонун «Дар бораи эътироф кардани ҳуқуқи худсарона аз худ намудани қитъаҳои замин ва бинову иншооте, ки дар онҳо сохта шудаанд» мавриди муҳокима қарор ёфт. Қайд гардид, ки ҳангоми ба рӯйихатгирии қитъаҳои замини худсарона азхудгардида ва бинову иншоотҳои дар онҳо сохта шуда, ба коррупсия, ришвахӯрӣ, тамаъгарӣ, фиребгарӣ роҳ дода нашавад.

Дар ҷараёни суҳбат ба кормандони шуъбаи ноҳиявии Агентии кадастр доир ба ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ маълумот ва донишҳои ҳуқуқӣ дода шуд. Сабаб ва омилҳои рух додани ҳолатҳои ногувор ҳангоми ба рӯйхатгирӣ шарҳ дода шуданд.

Бо мақсади ташаккули маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон видеомуроҷиати корманди шуъбаи муборизаи зидди коррупсияи Садорати вилоятии Агентии кадастр Фаррух Қобилов ба ҳамаи маҳалла ва шаҳрҳои вилояти Навоӣ расонида шуд. Дар видеомуроҷиат омадааст, ки зимни ба рӯйхатгирии қитъаи замин ва бинову иншооти дар он сохташуда ба миёнравҳо эҳтиёҷ нест. Миёнрав ба коррупсия, ришвахӯрӣ, тамаъгарӣ барин иллатҳо роҳ мекушояд. Ҳангоми рух додани чунин ҳолатҳо ба рақамҳои мобилии + 998 792 242 738 ва + 998 939 504 515 занг задани шаҳрвандон хоҳиш карда шудааст. Дар ҳамин ҳолат шаффофият дар татбиқи Қонуни ҷумҳурӣ таҳти рақами 937 таъмин мегардад.

**Ӯ. РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*



*Истиқоматкунандаи деҳаи Кӯнғироти ноҳияи Вобканди вилояти Бухоро Инобат Қурбонова дар хонадони худ соҳибкории паррандапарвариро ба роҳ мондааст. Ӯ дар ҷараёни фаъолияти бисёрсола таҷрибаи парвариши мурғҳои зотдор, тухм ва гӯшти парҳезбобро азхуд намудааст.*

*Ба таъкиди И. Қурбонова барои паррандапарварӣ хӯроки мурғ, комбикорм бошад, кифоя. Мурғҳои зотдори ломанн, декалб сертухм мешаванд. Хонавода аҳд кардааст, ки дар солҳои наздик шумораи мурғҳонашон зиёд ба даромадашон низ афзояд.*

***Хидмати матбуоти ҳокимияти вилояти Бухоро.***



# СИЁСАТИ ДАВЛАТ ОИД БА ҶАВОНОН ПАЙГИРОНА БА АМАЛ ТАТБИҚ МЕГАРДАД

*Роҳбари давлатамон масъалаи ҷавононро аз соли 2017 инҷониб ба сатҳи сиёсати давлатӣ мебардорад ва дар соҳа ислоҳотҳои васеъмиқёс ба амал татбиқ мегарданд.*

*Роҳбарони секторҳо, ноҳияву шаҳру вилоятҳо таклиф ва ташаббуси ҷавононро омӯхта, бо онҳо корҳои фардӣ мебаранд.*

*Имрӯз қариб 25 фоизи аҳолии ҷаҳонро ҷавонон ташкил медиҳанд. Ин нишондод дар ҷумҳурии мо беш аз 65 фоиз мебошад. Бояд эътироф намуд, ки ҷавонон боигарӣ ва ояндаи мардуми мо мебошанд.*

*Дар вилояти Қашқадарё шумораи ҷавононе, ки дар ҳама соҳа фаъол ва ба омӯхтани забонҳои хориҷӣ кӯшиш мекунанд, зиёда аз 845 ҳазор нафар мебошанд. Дар лоиҳаҳои «Ibrat farzandlari», «Mutolaa», «Ustoz AI», ки бо ташаббуси Агентии кор бо ҷавонон рӯйи кор меояд, ҷавонони қашқадарёӣ низ фаъол иштирок менамоянд. Чунин лоиҳаҳо баробари баланд бардоштани салоҳияти зеҳнӣ ва маънавии ҷавонон, пайваста дар мушаххас намудани мақсад ва фаъолнокии онҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ хидмат мекунад.*

**Суратгир: Ҷ. НОРҚОБИЛОВ (ЎзА).**

*Акси садо*

# СИФАТИ ТАЪЛИМ БА ЗАБОНИ ТАЪЛИМ ВОБАСТА АСТ

***Дар кишвари мо чанд соли охир барои баланд бардоштани қадру қимати устоду омӯзгор дар ҷамъият корҳои зиёд анҷом дода мешаванд. Қарору фармонҳои роҳбари мамлакат оиди беҳсозии сифати таълиму тарбия, зиёд кардани музди меҳнати омӯзгорону мураббиён, сарфароз гардондани онҳо бо мукофотҳои давлатӣ, бунёди мактабу кӯдакистонҳои замонавии муҷаҳҳаз далели ин гуфта мебошанд.***

***Дар таҳрири нави Конститутсия мақоми муаллим алоҳида муайян карда шудааст. Хусусан, дар асоси таҷрибаи пешқадами байналхалқӣ рушди низоми таълими томактабӣ куллан ба дараҷаи нав бардошта шуд.***

Дар ҷумҳурии мо таълим ба ҳафт забон, аз ҷумла тоҷикӣ, ба роҳ монда шудааст, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳодисаи нодир мебошад. Дар партави қарору фармонҳои роҳбари давлат мо – омӯзгорони гурӯҳҳои тоҷикӣ низ саъю кӯшиш мекунем, ки сифати таълиму тарбияи насли ҷавон рӯ ба беҳбудӣ оварад.

Ман аз рӯзномаи «Овози тоҷик» гузоришу мақолаҳои зиёдро доир ба соҳаи таълиму тарбия хонда баҳра мебарам. Рӯзнома вақтҳои охир оид ба дастоварду мушкилоти соҳаи таълими халқ ва мактабҳои тоҷикӣ маводҳои хонданӣ чоп мекунад.

Дар моҳи декабри соли гузашта рӯзнома мақолаеро бо номи «Таълим дар кӯдакистонҳо ба чанд забон аст?» (14 декабри соли 2024, № 100) чоп кард. Ин мақола азбаски дар асоси факту рақамҳои амиқ рӯйи коғаз омадааст, маро ба андеша водор намуд.

Дар он, аз ҷумла, гуфта мешавад, ки мо ба Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ дар асоси талабу дархости рӯзномахонон бо чанд савол муроҷиат намудем. Дар байни панҷ саволе, ки ба миён гузошта шудаанд, диққати маро саволи «Дар ташкилотҳои таълими томактабие, ки бо забонҳои бародарӣ фаъолият доранд, чӣ қадар кӯдакон фаро гирифта шудаанд (аз рӯйи забонҳо ва теъдоди кӯдакони фарогирифта)?» ҷалб намуд.

Ҷонишини вазири Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ Ф. Боқиев ба ин савол, чунин ҷавоб гардондааст: «...Дар ин кӯдакистонҳо (ташкилоти таълими томактабии давлатӣ ва ғайридавлатии ҷумҳурӣ дар назар аст) ҷараёни таълим ва тарбия бо ӯзбекӣ, русӣ, қароқалпоқӣ, тоҷикӣ, қазоқӣ, қирғизӣ ва дигар забонҳо роҳандозӣ шуда, дар гурӯҳҳои ӯзбекӣ 2130207 нафар, қароқалпоқӣ 6258 нафар, тоҷикӣ 249 нафар, қазоқӣ 177 нафар, қирғизӣ 116 нафар ва дар гурӯҳҳое, ки таълим бо дигар забонҳост, 16433 нафар фаро гирифта шудаанд». Дар идомаи ҷавоб омадааст:

«Мувофиқи маълумоти вазорат дар ташкилотҳои таълими томактабии Қароқалпоқистон 80560 нафар дар гурӯҳҳои қароқалпоқӣ, 131 нафар қазоқӣ ва 56 нафар қирғизӣ, инчунин, дар вилояти Самарқанд 46 нафар бо қазоқӣ ва дар кӯдакистонҳои вилояти Навоӣ 60 нафар дар гурӯҳҳои қирғизӣ фаро гирифта шудаанд. Дар ташкилотҳои таълими томактабии вилоятҳои Ҷиззах, Самарқанд ва Сурхондарё мутаносибан 140, 30, 42 ва 37 нафар кӯдакон дар гурӯҳҳои тоҷикӣ таълиму тарбия мегиранд»...

Дар поёнтари мақола сухан доир ба маълумотҳое меравад, ки соли 2022-юм ҷонишини собиқи вазири таълими томактабӣ (ҳоло фаъолияти ин вазорат қатъ гардида, ташкилотҳои сохтори ташкилии он дар ихтиёри Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ аст) У.Бегимқулов ва ҷонишини вазири Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ Ф. Боқиев дар соли 2024 пешниҳод кардаанд. Номутаносибии ин маълумотҳо касро, воқеан, дудила мекунад.

Шоҳиди он гардидаам, ки дар кӯдакистонҳои мавзеъҳои тоҷикнишин гурӯҳҳои тоҷикӣ вуҷуд надоранд. Гурӯҳҳои дарамалбуда ё ӯзбекӣ, ё русианд. Набудани гурӯҳҳои тоҷикӣ дар кӯдакистонҳо заҳмати омӯзгорони синфҳои ибтидоии мактабҳои тоҷикиро дучанд мегардонад. Падару модарон ҳам бо назардошти ин ҳолат, аз гурӯҳҳои тоҷикӣ рӯй тофта фарзандонашонро бештар ба гурӯҳҳои дигари мактабҳои миёна месупоранд.

Умед аст, ки ин ҷиҳати масъаларо Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ, садоратҳои минтақавӣ ба эътибор мегиранд. Зеро сифати таълиму тарбия ба забони таълим вобастагии мустаҳкам дорад.

**Элмурод РӮЗИЕВ,**
**Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон.**
*Ноҳияи Нуратои вилояти НАВОӢ.*

*Табиат мекунад моро табобат*

## АРПАБОДИЁН



Арпабодиён (фенхель, foeniculum vulgare mill) рустании ду ё бисёрсола буда, қадаш ба 90-200 см. мерасад. Решааш ба бодбезак монанд аст, камшох ва рангаш зарди сафедчатоб мебошад. Пояаш рост сабзида, тунуки нуқрафом, қисми болояш бисёршоха мешавад. Баргҳои болояш ғилофмонанд, тунукришта ва баргҳои поёнӣ ба шакли тухму секунҷаанд, то 10-25 адад аст. Гулҳояш майда, зардчатоб, дар моҳҳои июл-август кушода мешаванд. Меваҳояш дарозшакл чун силиндр, хокистарранг ё кабудчатобанд, бӯйи хуш доранд, таъмашон ширин аст. Дар моҳи сентябр мепазад. Вазни 1000 дона тухми он ба 6,6-6,5 гр. баробар аст.

Арпабодиёни оддӣ дар бағалҳои бешазор, соҳили рӯдҳо, киштзор, дар доманакӯҳҳо (аз сатҳи баҳр дар 1900-2000 метр баландӣ), хосатан дар вилояти Самарқанд ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ месабзанд.

Ҳосили арпабодиён ашёи доруворӣ буда, он дар маркази соябони рустанӣ ҷамъ мешавад. Меваи онро дар зарфҳои сахт пӯшида ва ё банкаҳои консерв нигоҳ медоранд. Хусусиятҳои шифобахшии меваи арпабодиён аз азал маълум буда, аз ин хусус Диоскорид, Гален, Закариёи Розӣ, Абурайҳони Берунӣ, Абуалӣ ибни Сино барин олимону табибон дар асарҳои хеш таъкид кардаанд. Чунончӣ Ибни Сино дар «Қонуни тиб» навиштааст, ки арпабодиён қобилияти бинишро пурқувват карда, барои рафъи пардаи чашм (катаракта), беҳузур ва захмдор шудани меъда низ фоидабахш аст.

Арпабодиёни ёбоӣ ба табобати гурда, халтачаи пешоб, майда кардани санги гурда низ кӯмак мерасонад. Решаи арпабодиён ва тухми он ба дарунравӣ низ фоидабахш аст. Ибни Сино дар асари «Ал-воҳия» ва дигар дастхатҳояш таъкид кардааст, ки «решаи рустании мазкур роҳҳои талхаро мекушояд ва ба ҳайз дидан кӯмак медиҳад». Хусусияти меваи он гиреҳҳои ҷигарро кушода, барои ихроҷи пешоб фоидабахш аст.

Дар табобати халқӣ меваи арпабодиёнро ҳамчун чой ҷӯшонда менӯшанд, ки барои ҳазми таом, захми рӯда ва роҳҳои нафасгириро аз балғам тоза кардан муфид аст. Меваҳои арпабодиёнро дар тиббиёти илмӣ (равған ва оби онро) барои ҳазми таом, шамолхӯрии рӯда тавсия медиҳанд.

Одатан, меваи онро дар як истакон оби ҷӯш 2-3 чумчаи чой илова намуда, дар як шабонарӯз 4-5 маротиба аз 1 то 3 чумчаи ош менӯшанд.

Дар шароити хона барои наврасон шарбати онро (меваи арпабодиёнро дар як истакон оби ҷӯш як чумчаи чой ҷӯшонда) медиҳанд. Қабл аз истифода аз дока гузаронида, шакар илова мекунанд, ки таъмаш ширин шавад. Ғайр аз он барои беҳтару гуворо гардидани таъми доруворҳои моеъ равғани эфири арпабодиён фоидабахш аст. Равғани мазкур беранг ё зардчатоб буда, таъмаш тунду тез мебошад, ки барои табобати рӯдаву меъда самараи хуб медиҳад.

Меваи арпабодиён ба таркиби рустаниҳои дафъи талха, таскини асаб ва нигаҳдории дарунравӣ дохил мешавад.

**(Давом дорад).**

**Талъат АБДУЛЛОЕВ.**

*Робитаи таълимӣ*

***Дар моҳҳои январ-декабри соли 2024 ҷамъ 35900 нафар шаҳрвандони Ӯзбекистон барои таҳсил ба давлатҳои хориҷӣ рафтаанд. Дар ин бора Хидмати матбуоти Агентии статистика маълумот дод.***

# ӮЗБЕКИСТОНИЁН АСОСАН БАРОИ ТАҲСИЛ БА КАДОМ ДАВЛАТҲО МЕРАВАНД?

Вақте шумораи шаҳрвандонро дар қиёси давлатҳо таҳлил мекунем, аён мегардад, ки қисми бештари ӯзбекистониён барои таҳсил ба Ҷумҳурии бародарии Тоҷикистон рафтаанд. Танҳо дар соли гузашта 12809 нафар сокинони мамлакатамон барои идомаи таҳсил боргоҳҳои таълимии Тоҷикистонро интихоб кардаанд.

Дар мақоми дувум ва сеюм Русия ва Қирғизистон қарор доранд. Дар як сол мутаносибан 8629 ва 3953 нафар ҳамватанонамон шомили муассисаҳои таълимии ин давлатҳо шудаанд. Инчунин, дар давоми сол сокинони мамлакатамон бо мақсади таълим ба Туркия (2711), Кореяи Ҷанубӣ (2077), Қазоқистон (1589), Британияи Кабир (792), Чин (767), ИМА (576), АМА (390) ва дигар мамлакатҳо (1602 нафар) рафтаанд.

Ҳангоми муқоисаи ин рақамҳо бо солҳои пешина, аён мегардад, ки сол то сол теъдоди шаҳрвандони ӯзбекистонӣ, ки таҳсилро дар донишгоҳҳои дигар давлатҳо идома медиҳанд, зиёд мешавад. Ин албатта дар партави ислоҳоте сурат мегирад, ки тӯли чанд соли охир дар сохтори таълими олии мамлакат амалӣ гардидаанд.

Аз ҳисоби давлат ташкил кардани таҳсили ҷавонони боистеъдод дар хориҷа (таъсиси хазинаи «Эл-юрт умиди»), таҳкими таҷрибаи табодули донишҷӯён бо давлатҳои бародар, ҳаммарз, нисбатан содатар гардидани тартиби кӯчонидани таҳсил, эътирофи дипломҳои муассисаҳои таълими олии хориҷӣ аз ҷумлаи чунин ислоҳоти судманду самарабахш ба шумор меравад.

Илова бар ин, афзудани таваҷҷуҳи довталабон барои таҳсил дар хориҷа, афзоиши даромади аҳолӣ, беҳтар гардидани сатҳи забондонии ҷавонон ва роҳандозии ҳамкориҳои дуҷониба бо донишгоҳҳои байналмилалӣ низ барои зиёд гардидани донишҷӯён дар боргоҳҳои таълими олии хориҷӣ мусоидат мекунад.

Ин аст, ки бино ба ҳолати 1 январи соли 2023 Ӯзбекистон аз рӯйи теъдоди донишҷӯёне, ки дар хориҷа таҳсил мегиранд, дар байни мамлакатҳои ҷаҳон мақоми сеюмро ишғол кард. Дар ин бора Институти омори ЮНЕСКО хабар додааст.

Мувофиқи ҳолати оғози соли 2023 шумораи донишҷӯёне, ки дар хориҷа мехонанд, 6 859,4 ҳазор нафар буда, теъдоди онҳо дар як сол қариб 419 ҳазор нафар афзудааст.

Чин, Ҳиндустон, Ӯзбекистон ба сегонаи пешсафи кишварҳое ворид шудаанд, ки сокинонаш бештар дар хориҷа мехонанд. Мувофиқи маълумот аз Чин 1 миллиону 52 ҳазору 300 нафар, аз Ҳиндустон 621 ҳазору 600 нафар ва аз Ӯзбекистон 150 ҳазору 500 нафар дар боргоҳҳои таълимии давлатҳои ҷаҳон таҳсил мегиранд.

Бар асоси ин гузориш, Ветнам (134 ҳазору 100), Олмон (126 ҳазору 200), ИМА (115 ҳазор), Фаронса (113 ҳазору 500), Ҷумҳурии Сурияи Араб (105 ҳазор), Непал (95 ҳазор) ва Покистон (90 ҳазору 600 нафар) дар мақомҳои баъдинаи даҳгона қарор доранд.

Тибқи маълумоти Институти омори ЮНЕСКО соли 2015 ба давлатҳои хориҷӣ ҳамагӣ 28 ҳазору 100 ҳамватанонамон бо мақсади таҳсил рафтаанд. Дар солҳои минбаъда ин шумора хеле афзудааст: соли 2016 – 32,9 ҳазор, 2017 – 35 ҳазор, 2018 – 42,3 ҳазор, 2019 – 53 ҳазор. Ба соли 2021 омада шумораи чунин донишҷӯён қариб чор баробар зиёд гардида, ба 109945 нафар расидааст.

Ҳамзамон, дар ин солҳо шумораи донишҷӯёне, ки аз давлатҳои хориҷӣ бо мақсади таҳсил ба Ӯзбекистон омадаанд, бамаротиб афзудааст: соли 2018 – 1,3 ҳазор, 2019 – 2,7 ҳазор, 2020 – 3,6 ҳазор, 2021 – 4,2 ҳазор, 2022 – 5,1 ҳазор ва соли 2023 – 5 ҳазор.

Бино ба маълумоти Агентии омор танҳо дар моҳҳои январ-майи соли 2024 ҷамъ 7,4 ҳазор шаҳрвандони хориҷӣ барои идомаи таҳсил ба Ӯзбекистон омадаанд, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин даври соли 2023 қариб 3 ҳазор нафар, яъне 65,2 фоиз зиёд аст. Агар теъдоди умумиро нисбат ба соли 2018 муқоиса кунем, аён мешавад, ки тӯли шаш соли охир ин шумора қариб даҳ баробар зиёд шудааст.

Дар сегонаи пешсафон Ҳиндустон (2241 нафар), Туркманистон (1937 нафар) ва Тоҷикистон (950 нафар) ҷой гирифтаанд.

Дар зинаҳои баъдинаи даҳгонаи беҳтарин Қирғизистон(450 нафар), Покистон(273 нафар), Кореяи Ҷанубӣ (266 нафар), Чин (266 нафар), Афғонистон (147 нафар), ИМА (132 нафар), Қазоқистон (122 нафар) қарор доранд.

**Ф.ЙӮЛДОШЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# АЗ АМОНӢ ГУФТУГӮ ДОРЕМ МО

***Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов яке аз нахустин марказҳои бузурги таълимию илмӣ ва фарҳангии Осиёи Марказӣ ба ҳисоб рафта, дар рушду такомули соҳаи илму маориф, баланд бардоштани маърифат, тарбияи кадрҳои миллӣ мақому манзалати хоса дорад. Он соли 1927 бо номи Университети давлатии Ӯзбекистон (ӮзГУ) таъсис ёфта буд. Донишгоҳ тӯли солҳои фаъолият ба сифати муассисаи пешбари илмию таълимӣ доир ба соҳаҳои гуногун на танҳо барои Ӯзбекистон, инчунин барои Тоҷикистон, Русия, Қазоқистон, Туркманистон ва дигар ҷумҳуриҳо мутахассисони хубро тайёр намудааст. Дар байни онҳо арбобони давлатӣ, сафирон, адибон, шоирон, журналистон, муҳандисон ва ғайра ҳастанд. Ҳоло донишгоҳ бо беш аз 300 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, илмию тадқиқотии кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмиллалӣ шартнома ва қарордоди ҳамкорӣ дорад, ки яке аз онҳо Тоҷикистони бародарист.***

Мухлисони рӯзнома огоҳ ҳастанд, ки соли 2018 дар таърихи муносибатҳои дӯстонаи халқҳои тоҷику ӯзбек саҳифаи нав боз гардид. Ин муносибатҳои неку созанда, бешак бо ному корнома, ҷасорату матонати сарвари давлатамон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иртиботи ногусастанӣ доранд. Зеро тоҷикону ӯзбеконро дар тӯли таърих умумиятҳои зиёди таърихӣ чун гӯшту нохун бо ҳам қарин гардонидаанд. Мо бо амри сарнавишт наздиктарин ҳамсоя ҳастем, яъне «аз хеши дур ҳамсояи наздик беҳтар» аст. Барои ҳамин ҳам мо бо Донишгоҳи миллии Тоҷикистон шартномаи ҳамкорӣ бастем ва дар асоси ин созишнома шахсан худам якчанд маротиба ба Душанбе сафар намуда, дар анҷуманҳои гуногун ба забони модариам – тоҷикӣ низ баромад кардам ва дар омади гап байтҳои зерини устод Мирзо Турсунзодаро қироат намудам:

*То тавонӣ дӯстонро гум макун,*
*Дӯстони меҳрубонро гум макун.*
*Дар ҷаҳон бе дӯст будан мушкил аст,*
*Мушкилосонкункасонро гум макун!*

Кафкӯбии дуру дароз насибам гашт.

Ёд дорам, ҳангоми таҳсил дар мактаби рақами 16-уми ноҳияи Самарқанд, ки дар он устодони сухан Шодон Ҳаниф, Ҳамроқул Шодиқулов, Адаш Истад, Хуршед Қамар, Нормурод Каримзода ва дигарон таълиму тарбия гирифтаанд, омӯзгори фанни ҷуғрофия ҳар гоҳ аз харитаи дунё ягон кишвари дурдасту афсонавиро нишон дода, доир ба табиату иқлимаш нақл мекард, беихтиёр орзуи бачагонаи ба он ҷо сафар намудан пайдо мегашт. Муаллим шогирдонро рӯҳбаланд карда мегуфт, ки агар ба баҳои «аъло» хонед, ба илму дониш дил бандед, албатта, дидани ин кишварҳо насиб мегардад.

То имрӯз дар беш аз 50 мамлакати ҷаҳон будам.

Ногуфта намонад, ки аз хориҷа ба донишгоҳи мо низ ташриф меоваранд. Дар асоси созишнома аз Тоҷикистони бародарӣ на танҳо ҳамкасбони ман, инчунин толибилмон меоянд, ки илму дониш гиранд. Зеро дар донишгоҳ барои таъмини раванди таълиму тарбия бо техника ва технологияи замонавӣ ҳамаи синфхонаҳо муҷаҳҳазанд. Кулли омӯзгорону кормандон ва талабагон аз хидмати интернет, китобхона, толорҳои варзиш, кабинетҳои фаннӣ бархурдор мебошанд. Қобили зикр аст, ки дар донишгоҳ 16 факултет, 60 кафедра ҳаст, қариб 700 омӯзгор, аз ҷумла беш аз 400 доктори илм, профессор, номзадҳои илм ва як нафар академик кор мекунанд, шумораи донишҷӯён тақрибан 20 ҳазор нафар аст.

Бояд таъкид намуд, ки мактаби олии мо дар партави дастуру ҳидоятҳои Президентамон насли наврасро дар рӯҳияи худшиносиву ватандӯстӣ тарбия карда, барои Ӯзбекистони Нав кадрҳои муносиб тайёр мекунад.

Ба факултаи филологияи тоҷик ва забонҳои хориҷии Шарқ аз шаҳри Панҷакент бисёр довталабону таҷрибаомӯзон меоянд, зеро масофа наздик аст. Аз Донишгоҳи Хуҷанд доктори фанҳо, профессорон Туғрал Шокиров, Абдуҷамол Ҳасанов, Нуралӣ Нурзод, Матлубаи Мирзоюнус дар ин факулта чанд муддат дарс гузаштанд.

Дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд барои таълиму тарбияи комил тамоми шароити зарурӣ фароҳам аст, устодони ботаҷриба дарс медиҳанд.

Бо истифода аз фурсат ба сарварони оқилу дурандеши ду кишвари ҳамҷавору ҳамдил ҷиҳати муҳайё намудани чунин шароити мусоиди таҳсил миннатдорӣ изҳор менамоям.

**Аҳмадҷон СОЛЕЕВ,**
**проректори аввали Донишгоҳи давлатии Самарқанд оид ба корҳои илмӣ, доктори илмҳои физикаю математика.**

*Таърихи диёрро меомӯзем*

# ҚАБРИ АФРОСИЁБ ДАР КУҶОСТ?

***Афросиёб шахси таърихист ё афсонавӣ? Гурӯҳи олимон онро афсонавӣ мегӯянду гурӯҳи дигар шахси таърихӣ... Афросиёб яке аз қаҳрамонҳои достони «Сиёвуш»-и «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ ба ҳисоб рафта, аз ин чор ҳазор сол пеш зиндагӣ кардааст. Муаллифони қиссаи таърихии «Кӯҳна ва боқий Рометан» бошад, Афросиёбро аз фарзандони Нуҳ алайҳиссалом гуфтаанду даврони салтанати ӯро ду ҳазор сол ҳисобиданд.***



Инчунин, ривоятҳо ҳаст, ки бинобар он Афросиёбро ҷодугар хонда, дар қатли домодаш Сиёвуш гумонбар мешаванд... Пас ӯро наберааш Кайхусрав дар ҳисори қалъаи Рометан як соли пурра муҳосира мекунад. Дертар ҳангоми маросими оштӣ ба ӯ заҳр дода мекушанд, ки қабраш дар тали берун аз шаҳри Бухоро мебошад.

Дар «Таърихи мулуки Аҷам» Алишери Навоӣ навиштааст, ки Афросиёб дар Озарбойҷони кунунӣ кушта мешавад.

Дар манбаъҳои туркӣ инчунин, дар асарҳои Юсуф Хос Ҳоҷиб ва Маҳмуди Қошғарӣ Алп Эр Тунга ва Афросиёб як шахс дониста шудааст. Ҳукмдорони Қарохониён ва Салҷуқиён бошад, чунин мешумориданд, ки насаби онҳо аз Афросиёб оғоз меёбад...

Соли 2020 олими турк дар Бухоро воқеъ будани қабри Афросиёбро бори дигар эълон кард. Чаро бори дигар? Сабаб, инро нахуст Устод Садриддин Айнӣ соли 1950-ум эълон карда буданд. Барои бухороиён ба зодгоҳ омадани донишманди намоёни илму адабиёту фарҳанги тоҷик, академики АИ Тоҷикистон Устод Айнӣ воқеаи муҳим ба шумор мерафт. Устод ҳамон сол бори охирин ба Бухоро омада, ба ҳамватанон ҷойи қабри Афросиёбро нишон медиҳанд. Он солҳо, ки оиди ҳаёту фаъолияти Устод кино ба навор гирифта мешуд, ин ҳодисаи таърихӣ низ сабти навор гардидааст.

Аз ин ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки Устод Айнӣ ҳафтод сол пештар аз олими турк ҷойи қабри Афросиёбро дақиқ нишон дода будаанд. Ба чунин фактҳо такя карда, гуфтан мумкин аст, ки Афросиёб шахси таърихӣ буда, 31 сол подшоҳӣ кардаасту қабраш дар тали Ҳазрати Имоми шаҳри Бухоро воқеъ аст.

Дар «Шоҳнома» зери нигориши устод Сотим Улуғзода низ оиди ин воқеаҳо, яъне аз бобо қасос гирифтани Кайхусрави Сиёвуш баёне рафта, гуфта мешавад, ки барои ситонидани қасоси Сиёвуш падари ӯ Кайковус ба наберааш Кайхусрав лашкари паҳлавонони номӣ Гев ва Гударзро мефиристонад. Рустами Достон низ бо дувоздаҳ ҳазор лашкар дар паҳлӯи Кайхусрав буд. Онҳо дар деҳаи Ромуш (ин деҳа ҳоло ҳам бо ҳамин ном дар ҳудуди ноҳияи Ҷондор вуҷуд дорад), ки дар масофаи 7 км. аз ҳисори Рометан воқеъ аст, истеҳком бунёд карда, лашкари Афросиёбро муҳосира кардаанд. Дар китоби «Кӯҳна ва боқий Рометан» қайд шудааст, ки гӯё Афросиёб аз сабаби ҳамеша бо ҷангу ҷадал банд буданаш пойтахти доимии худро надоштааст, аммо дар ҳудуди воҳаи Зарафшон зиёда аз ҳазор истеҳкоми ҳарбӣ бунёд карда будааст.

Бино ба хабари номзади илми таърих Нарзулло Йӯлдошев дар китоби «Бухоронинг муқаддас қадамжолари» қабри домоди Афросиёб Сиёвуш низ дар Бухоро буда, ӯро баъди қатлаш оварда, ба назди дарвозаи шарқии Арки Бухоро ба хок супоридаанд. Ин дарвоза дар асри ҳабдаҳум пӯшонида шуда, истиқомати аҳли ҳарами ҳукмдорон ба ин гӯшаи Арки олӣ кӯчонида шудааст.

**Алимурод ТЕМИРОВ.**
*Вилояти БУХОРО.*

***Қариб 30 намуди асбобу анҷоми ташхисӣ ва табобат, ки 2,6 миллион доллар арзиш доранд, аз ҳисоби Созмони Миллали Муттаҳид оид ба таъминоти лоиҳаи байналхалқӣ ба вилояти Самарқанд омада расид, ки аз ҷониби Бонки рушди исломӣ маблағгузорӣ шудааст.***

# ТАҶҲИЗОТИ ТИББӢ – АЗ ҲИСОБИ СОЗМОНИ МИЛЛАЛИ МУТТАҲИД

Танҳо ба шуъбаҳои ноҳиявии назорати санитарӣ-эпидемиологии вилоят 97 маҷмӯи компютерӣ дода шуд, ки бешубҳа барои кам кардани коғазбозӣ ва беҳтар гаштани хидмати идораҳои мазкур муфид хоҳад шуд. Ба гуфтаи директори минтақавии Аврупо ва кишварҳои Осиёи Марказӣ Моин Карим иштироки ташкилоти мазкур дар Ӯзбекистон барои амалӣ намудани лоиҳаҳои башардӯстӣ барои ҳифзи саломатии аҳолӣ ниҳоят муҳим аст.

То охири сол ба муассиса ва шифохонаҳои вилояти Самарқанд ба маблағи 28,5 миллион доллар 60 намуд таҷҳизоти тиббӣ хоҳад омад.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

